**АХБОРИ АКАДЕМИЯИ ИЛМҲОИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН**
**ШУЪБАИ ИЛМҲОИ ҶАМЪИЯТШИНОСӢ № 4, 2015**

**ИЗВЕСТИЯ АКАДЕМИИ НАУК РЕСПУБЛИКИ ТАДЖИКИСТАН**
**ОТДЕЛЕНИЕ ОБЩЕСТВЕННЫХ НАУК № 4, 2015**

**УДК: 82. 09**

**ДАВЛАТОВ И.** [1]

# ШЕЪР ВА ШОИРӢ АЗ ДИДГОҲИ ИҚБОЛ

Ҳамин тариқ, маълум гашт, ки аз нуқтаи назари Муҳаммад Иқбол шеъри шоир бояд бо як дарду сӯз ва эҳсосоти отифаи амиқ иншо шуда, дорои маънои баланд ва ҷавобгӯи дарди дили мардум низ бошад. Аммо шеъри бесӯзу дардро шеъри мурда ҳукм намудааст. Ба назари шоир ин дарду сӯз аз Худо мебошад. Бад-ин сабаб, бояд шоирон ба Худованд ҳамеша алоқаи қавӣ дошта бошанд, то дар вуҷуди онҳо ин эҳсосот эҳё гардад. Ӯ ҳатто шоиронеро, ки аз ҳунари хеш сӯистифода намуда, ба мардум зарари маънавӣ мерасонанд, роҳзан хондааст. Аслан шоир, бояд ба набзи ҳаёти ҷамъият гӯш андохта шеъри худро иншо намояд.

**Калидвожаҳо:** Иқбол, Ислом, адабиёт, шеър, шоир, тарбият, ислоҳи ҷомеа.

Шеърро мақсуд агар одамгарист,
Шоирӣ ҳам вориси пайғамбарист!
Иқбол

Муҳаммад Иқболи Лоҳурӣ (1877-1938) бузургтарин шоири Машриқзамин буда, чун эҳёгари фарҳанги исломӣ дар Шарқу Ғарб шуҳрат дорад. Ӯ яке аз барҷастатарин мутафаккир ва шоири исломии форсизабони асри XX-и Шибҳи қораи Ҳинду Покистон ба ҳисоб рафта, бо шахсият ва истеъдоди нотакрор ва осори бебаҳояш дар таърихи тамаддуну фарҳанг дар қаламрави забони форсӣ ва хориҷ аз он нақши тоза ва мақоми пояндае дорад.

Дар бораи андешаҳои динӣ, фалсафӣ, иҷтимоӣ, ахлоқӣ ва адабии Иқбол муҳаққиқон ва донишмандони Ҳинду Покистон, Афғонистону Эрон, Англису Олмон, Испониёву кишварҳои араб, Тоҷикистону Русия ва дигар мамолики Шарқу Ғарб китобу мақолаҳои илмии зиёде нигоштаанд.

Омӯхтани афкору андешаҳои Иқбол доир ба шеъру шоирӣ барои муайянсохтани афкори адабии шоир нисбат ба ин навъи ҳунар аз аҳаммият холӣ нест. Зеро ӯ дар осори манзуми хеш, ба вижа «Куллиёт»-и форсии худ нисбат ба шеър ва шоирӣ андешаҳоеро баён намудааст, ки дар шоирони қабл аз ӯ ингунаоро тақрибан дида намешавад.

Абулҳасан Алии Надвӣ дар робита ба адабиёти ҳақиқӣ ва шеъри муаассир дар китоби машҳури худ «Назаротун фи-л-адаб» чунин ибрози андеша намудааст: «... Аммо шеъри зиндае, ки бар қалбу рӯҳи инсон таъсири мондагор дорад, пас он шеърест, ки аз қалби шоир баромада, бар қалби шунаванда ворид мешавад. Ва ҳар чизе, ки аз самими қалб барояд ҳатман бар замири қалб мерасад. Аммо он ашъоре, ки аз ақл мебарояд, пас ба ақл мерасаду бас ва ҳар он чизе, ки аз мағз мебарояд ба мағз мерасад ва ин навъи ашъор зиёданд. Адабиёте, ки аз умқи қалби шоир баромада ба кунҷи дили мухотаб расида боқӣ монад, он навъи адабиётро адабиёти ҳақиқӣ номанд. Ва маҳз, ба ин навъи адабиёт на танҳо олами исломӣ, балки тамоми олами инсонӣ эҳтиёҷ доранд...» [2, 110].

Шеър ва шоирӣ яке аз ҳунарҳои фавқулода ва латифе ба ҳисоб меравад, ки бад-ин сабаб, баъзе аз бузургон ва ноқидон онро аз нуқтаи назари таъсир сеҳр ва мӯъҷиза ҳам хондаанд. Маҳз бо ҳамин иллат, сароядагони шеър, тақрибан дар ҳар асру замон аз табақаи барҷастаи равшанфикрон маҳсуб ёфта, аҳли ҷомеа аз андешаву афкори

[1] **Адрес для корреспонденции:** Давлатов И – младю науч. сотр. Института языка, литературы, востоковедения и письменного наследия им. Рудаки АН Республики Таджикистан. 735020, Республика Таджикистан, Гиссар, ул Юсуфи 7/7. тел: 918-43-02-88; E-mail: anas_293@mail.ru

дилрабои онҳо истифода менамоянд. Аз зумраи ин равшанфикрон Муҳаммад Иқболро метавон ном бурд. Мазмун ва муҳтавои ашъори Иқбол дарбаргирандаи аҳдофи олист, ки шоир бо шеваҳои гуногун он ҳамаро баён намудааст.

Нуқтаи назари шоир дар бораи шеъру шоирӣ дар «Куллиёт»- и ӯ бештар қобили мулоҳиза аст.

Баъд аз мутолиаи «Куллиёт»-и форсии шоир барои мо маълум гашт, ки вожаи «шеър»- 19 ва «шоир»- бошад 29 маротиба такрор ёфтааст, ки ин худ далел ба аҳаммият доштани ин ҳунар дар назди Иқбол мебошад. Ва барои боз ҳам равшан гаштани афкору андешаҳои шоир мо дар ин мақола он ашъореро, ки дар бораи шеър ва ҳунари шоирӣ зикре рафтааст, таҳлилу баррасӣ хоҳем намуд.

Иқбол дар бораи маънову мазмун ва аҳдофу мақосиди шеър аҳаммияти ҷиддӣ медиҳад. Ва ҳатто шеъре, ки пур аз киноёту ишоротаст, ба себикирмхӯрда ташбеҳ менамояд. Чӣ тавре ки Доктор Саййид Муҳаммад Акрам аз забони ӯ ин суханро дар китоби худ, ки таҳти унвони «Иқбол дар роҳи Мавлавӣ» аст, инчунин меорад: «Шеъре, ки холӣ аз ақоид ва лабрез аз киноёту ишорот аст, монанди себи қирмизест, ки дар он кирм ҷой гирифтааст» [8, 79 ].

Агар мо ба ашъори худи шоир назар афканем хоҳем дид, ки ашъори ӯ дорои маъно ва мазмуни баландест, ки ҳоҷат ба обу ранг ва холу хат надорад. Ва сарчашмаи сухани Иқбол ташбеҳоту истиорот нест, балки қатраи хуни ӯст. Чунон ки шоир дар «Паёми машриқ» посух ба шоири олмонӣ Гёте менависад:

Барги гул рангин зи мазмуни ман аст,
Мисраи ман қатраи хуни ман аст [6, 144;7, 180].

Ё дар ҷои дигар мефармояд:

Саропо маънии сарбастаам ман,
Нигоҳи ҳарфбофон барнатобам [6, 157;7, 192].

Инчунин Асадуллоҳи Муҳаққиқ низ дар асари пурарзиши хеш «Аллома Иқбол дар адаби форсӣ ва фарҳанги Афғонистон» ба ин нукта ишора намуда, мефармояд: «Ағлаби ашъори Иқбол гувоҳӣ медиҳанд, ки ӯ ба ҳар гуна такаллуфоти шеърӣ беэътино буда, назари ӯ бештар мутаваҷҷеҳ ба маъно будааст...» [5, 13].

Иқбол ҷои дигар дар бораи фавоиди шеъри маънидор сухан кардааст, зеро бештар ҳолат таваҷҷуҳ додан танҳо ба лафз, боиси салби маъно мегардад ва ҳатто ӯшеъри бемазмунро ба чизи мурда баробар кардааст:

Рози маънӣ муршиди Румӣ кушуд,
Фикри ман дар остонаш дар суҷуд.
«Маънӣ он бошад, ки бистонад туро,
Бениёз аз нақш гардонад туро.
Маънӣ он набвад, ки кӯру кар кунад,
Мардро бар нақш ошиқтар кунад» [6, 302;7, 355].

Шоир дар ҷое аз «Куллиёт»-и хеш аз пурмазмунии назму насри Абдурраҳмони Ҷомӣсухан оварда, чунин мефармояд:

Чашм дар кишти муҳаббат коштам,
Аз тамошо ҳосиле бардоштам.
Хоки Ясриб аз ду олам хуштар аст,
Ай хунук шаҳре, ки он ҷо дилбар аст.
Куштаи андози мулло Ҷомиям,
Назму насри ӯ илоҷи хомиям.
Шеърилабрези маонӣ гуфтааст,
Дар санои Хоҷа гавҳар суфтааст [6, 50;7, 66].

Ё ҷои дигар на танҳо аз Ҷомӣ, балки аз Ироқӣ ҳам ёд намуда, чунин месарояд:

Гаҳе шеъри Ироқиро бихонам,
Гаҳе Ҷомӣ занад оташ ба ҷонам.
Надонам гарчи оҳанги арабро,
Шарики нағмаҳои сорбонам [6, 475;7, 566].

Иқбол андеша дорад, ки шоир шеърро бояд бо як дарду сӯз ва эҳсоси отифаи амиқу асил иншо намояд. Зеро шеър ин меваи ҷони шоир аст. Бад-ин сабаб, дар он аз дарду сӯз ва оташе, ки дар ниҳоди шоир аст, баҳра ва нишоне бошад, то ҳамдилӣ ва ҳамдардии шунавандаро барангезад ва мухотаб таъсири каломи ӯро дар умқи ҷони хеш эҳсос карда, ба он ошноӣ ва пайванд ҳосил кунад. Шеър дар сурате ин нақши худро бозида метавонад, ки тарҷумони эҳсоси дохилии шоир гардад. Ва дар ин ҷода низ, аз ҳунари шоирии Ҷалолуддини Румӣ тавсиф намуда, чунин мегӯяд:

Румӣ, он ишқу муҳаббатро далел,
Ташнакомонро каломаш Салсабил.
Гуфт: «Он шеъре, ки оташ андар ӯст,
Асли ӯ аз гармии «Аллоҳу Ҳу»-ст.
Он наво гулшан кунад хошокро,
Он наво барҳам занад афлокро.
Он наво бар Ҳақ гувоҳӣ медиҳад,
Бо фақирон подшоҳӣ медиҳад.
Хун аз ӯ андар бадан сайёртар,
Қалб аз Руҳу-л-амин бедортар [6, 329;7, 389].

Аслан, Иқбол маншаъ ва манбаи ин дарду сӯзро аз «худӣ» ё аз «Худо» медонад. Бинобар-ин, шоир агар мехоҳад ашъораш мондагор бошад алоқаи худро бо Худо, ки офарандаи ӯст қавӣ намояд. Зеро агар мо ба саргузашти аксари классикони хеш аз Рӯдакӣ то Иқбол назар афканем, мебинем, ки онҳо бо холиқи худ алоқаиногусастанӣ доштанд ва маҳз ҳамин чиз сабаб гашт, ки ашъорашон то ба имрӯз побарҷост. Исботи алоқаи онҳо бо Худо ин осор ва ашъори онҳост, ба таври мисол хули Иқбол фармуда:

Ай, ки гуфтӣ нуктаҳои дилнавоз,
Машриқ аз гуфтори ту донои роз.
Шеърро сӯз аз куҷо ояд, бигӯй,
Аз худӣ ё аз Худо ояд, бигӯй! [6, 398;7, 471]

Тибқи гуфтаи Абдуллоҷон Ғаффоров Иқбол дар саёҳат бо Бҳартриҳарӣ ном шоири ҳиндӣ рӯ ба рӯ мешавад ва онҳо ба шакли саволу ҷавоб дар бораи шеъру шоирӣ ва ин ки таъсири шеър аз куҷост, суҳбат мекунанд ва шоир шеъри фавкро ба ҳайси савол ба ӯ пешниҳод мекунад ва дар ҷавоби Иқбол Бҳартриҳарӣ чунин посух мегардонад:

Кас надонад дар ҷаҳон шоир куҷост,
Пардаи ӯ аз баму зери навост.
Он дили гарме, ки дорад дар канор,
Пеши Яздон ҳам намегирад қарор.
Ҷони моро лаззат андар ҷустуҷӯст,
Шеърро сӯз аз мақоми орзӯст.
Ай ту аз токи сухан масти мудом,
Гар туро ояд муяссар ин мақом,
Бо ду байте дар ҷаҳони сангу хишт
Метавон бурдан дил аз ҳури биҳишт! [6, 398-399;7, 471;1, 76]

Ҳатто Иқбол шеъре, ки бесӯзу ишқ аст, мотам дониста, ин гуна шоирро «мурд» хонда, на «мард». Маҳз ҳамин чиз сабаб гаштааст, ки бештари ашъори шоирони давраи мо назди аҳли ҷомеъа на қадр доранду на қимат.

Шоири ҳиндӣ, Худояш ёр бод,
Ҷони ӯ бе лаззати гуфтор бод.
Ишқро хунёгарӣ омӯхта,
Бо Халилон озарӣ омӯхта.
Ҳарфи ӯ ҷовидаву бесӯзу дард,
Мурд хонанд аҳли дард ӯро, на мард [6, 330; 7, 389].

Абулҳасан Алии Надвӣ дар яке аз асарҳои гаронқадри хеш бо номи «Равоиу Иқбол» роҷеъ, ба афкори Муҳаммад Иқбол дар бораи вазифаи асосии шеъру адаб чунин ибрози андеша намудааст: «Муҳаммад Иқбол муътақид аст, ки адаб ба ҳадди эъҷоз нахоҳад расид, то замоне, ки ҳаёт ва қудрати он аз аъмоқи қалби зинда сарчашма нагирад ва бо

хуни дил сероб нашавад ва дар шеъре рисолати шеъру адабро баён намуда мегӯяд: «Эй аҳли завқ ва соҳибназарон! Завқ ва андешаи амиқ неъматҳои арзандае ҳастанд. Аммо назаре, ки ҳақиқатро дарк накунад, чӣ арзише дорад? Шеъре, ки шӯри зиндагӣ ва ҳамоса наёфарад, чӣ суде дорад? Насиме, ки гулҳоро пажмурда кунад, навазиданаш беҳтар аст. Ҳадафи илму ҳунар, падид овардани сӯзу гудоз дар зиндагист. Ҳунаре, ки мондагор набошад ва ҳамчун шарора дар як лаҳза шӯълавар шавад ва дар ҳамон лаҳза хомӯш гардад, чӣ арзише дорад. Он садаф ё гавҳари арзандае, ки дили дарёро ба хуруш наёварад, чӣ баҳое дорад. Қавмҳои ҷаҳон бидуни шоҳкории эъҷозомез ба бартарӣ даст нахоҳанд ёфт. Лизо адаб ва ҳунаре, ки зарби асои Мӯсои Калимро надошта бошад, ба дард намехӯрад» [2, 106;3, 46;4, 74].

Аз ин ҳама суханони дар боло зикр шуда, ба ин натиҷа мерасем, ки Иқбол зидди назарияи «ҳунар барои ҳунар» будааст.

Иқбол ба ин андеша аст, ки адаб агар рӯҳи зиндагиро нобуд кунад, зиштро хубу маргро ҳаёт ҷилва диҳад, баландпарвозиро аз шоҳин бигираду зебогии ӯро ба садоқат ва воқеъият ҳамоҳангӣ набошад, ба монанди заҳри қотилест, ки ба инсон расидааст.

Дар мисрае мефармояд: «Чун баноти ошён андар ям аст» ишора ба як афсонаи юнониест, ки мегӯяд: «Духтароне дар дарё ҳастанд, ки ним инсон ва ним моҳӣ ҳастанд. Онҳо бо овои хуш ва сеҳромези худ киштибонҳоро ба сӯи худ мекашанд. Сипас онҳоро ғарқу нобуд месозанд. Иқбол бо дами масеҳоии худ ба мурдагони Шарқ ҳаёт бахшида мефармояд: «Шеър ва адабиёти мутасаввифаи исломӣ чун мамотро асл мепиндорад, на ҳаётро бо лаҳни ҷодуӣ ва сеҳромези худ. Мисли ҳамон духтарони нимаодаму нимамоҳӣ мардумро ба нестиву забунӣ ва марг мекашонад» [6, 59].

Шоир дар ҷои дигар шоироне, ки бо истифода аз ашъори худ ба халқ зарари маънавӣ мерасонанд сахт накӯҳишу мазаммат карда, онҳоро роҳзани мардум хондааст. Ва мӯътақид аст, ки ин гуна шоирҳо бо ин рафтори худ мардумро ба пастӣ бурда мерасонанд.

Ай басо шоир, ки аз сеҳри ҳунар
Раҳзани қалб асту Иблиси назар [6, 330;7, 389].

Иқбол андеша дорад, ки шоир бояд пойбанд ба фарҳанги гузаштаи хеш буда, барои муҳкаму устуворсозии решаҳои он саҳми худро гузорад. Инчунин мухотаби хешро ба аҳамият додан нисбат ба ҳувияти милливу фарҳангӣ даъват намуда, дар ислоҳ намудани зиндагӣ ва фарҳанги имрӯзаи мардум кӯшиш ба харҷ диҳад.

Фикри солеҳ дар адаб мебоядат,
Раҷъате сӯйи араб мебоядат.
Дил ба Салмои араб бояд супурд,
То дамад субҳи Ҳиҷоз аз шоми Курд [6, 61;7, 78].

Ин ҷо ин нуктаро бояд тавзеҳ дод, ки ғаразаз калимаи «араб» миллати араб нест, балки қасди шоир ин ҷо»миллати мусалмон»аст. Чуноне, ки Доктор Саййид Муҳаммад Акрам низ дар асари хеш «Иқбол дар роҳи Мавлавӣ»ин нуктаро қайд намудаанд [8, 148].

Ба андешаиИқбол шоир бояд ба набзи ҳаёти ҷамъиятӣ гӯш диҳад, эҷодиёти ӯ барои мардум фоида бахшад. Агар ҳадаф аз иншои шеър тарбия ва ислоҳи ҷомеаи башарӣ бошад, пас ин навъи ҳунар соҳиби арзиши бепоён хоҳад гашт. Ва ингуна суханварӣ мартабаи ҷойнишини пайғамбарро сазовор аст, зеро шоир ҳам тақрибан ҳамон масъулиятеро анҷом медиҳад, ки Пайғамбарон ба ӯҳда доштанд.

Фитрати шоир саропо ҷустуҷӯст,
Холиқу парвардигори орзуст.
Шоир андар синаи миллат чу дил,
Миллати бе шоире, анбори гил.
Сӯзу мастӣ нақшбанди оламест,
Шоирӣ бе сӯзу мастӣ мотамест.
Шеърро мақсуд агар одамгарист,
Шоирӣ ҳам вориси пайғамбарист! [6, 330;7, 389]

Асадуллоҳи Муҳаққиқ низ дар шарҳи ин шеъри Иқбол чунин ибрози андеша намудааст: «Агар ҳадафи шеър ислоҳи ҷомеаи башарӣ бошад, пас дорои арзиш ва аҳамияти зиёд аст. Ва инчунин суханварӣ худ ҷонишини Пайғамбарист» [5, 14].

Ё дар ҷои дигар мефармояд:

Зи ман бо шоири рангинбаён гӯй:
«Чӣ суд аз сӯз, агар чун лола сӯзӣ?
На худро мегудозӣ з-оташи хеш,
На шоми дардмандеро фурӯзӣ» [6, 156;7, 192].

Шоир дар мадҳи шеър дар қитъае тахти унвони «Ҳикмату шеър» чунин мефармояд:

Ҳақ агар сӯзе надорад, ҳикмат аст,
Шеър мегардад, чу сӯз аз дил гирифт
[6, 182; 7, 220].

Ба андешаи шоир вазифаи адиб ва ҳунарманд ин аст, ки руҳи зиндагиро ба сурати тасвир таҷассум бахшида, равшание, ки дорои ҷанбаи ҳусн ва зебоист ба маърази тамошои мардум бигзорад. Иқбол дар «Асрори худӣ»тахти унвони «Дар ҳақиқати шеър ва ислоҳи адабиёти исломия»дар бораи ҳақиқати шеър ва нақши роҳбарии шоир, ки худ ин навъи унвонгузорӣ далел бар аҳамиятнокии шеър ва адабиётро дар назди шоир исбот мекунад, чунин мефармояд:

Синаи шоир таҷаллизори ҳусн,
Хезад аз Синои ӯ анвори ҳусн.
Аз нигоҳаш хуб гардад хубтар,
Фитрат аз афсуни ӯ маҳбубтар.
Аз дамаш булбул наво омӯхтаст,
Ғозааш рухсори гул афрӯхтаст.
Сӯзи ӯ андар дили парвонаҳо,
Ишқро рангин аз ӯ афсонаҳо.
Баҳру бар пӯшида дар обу гилаш,
Сад ҷаҳони тоза музмар дар дилаш.
Дар димоғаш нодамида лолаҳо,
Ношунида нағмаҳо, ҳам нолаҳо.
Фикри ӯ бо моҳу анҷум ҳамнишин,
Зиштро ноошно, хубофарин.
Хизр дар зулмоти ӯ оби ҳаёт,
Зиндатар аз оби чашмаш коинот [6, 58-59;7, 75].

Асадуллоҳи Муҳаққиқ абёти фавқро дақиқ таҳлил намуда, чунин мефармояд: «Иқбол муътақид аст ҳунарҳое, ки фоқиди ҷанбаи ҳаёт аст, миллатҳоро мурда месозад. Ҳунарманди мубтакир офаринандаест, ки дар ҷаҳони андешаи худ садҳо қолаби тахайюлро бо мурoқабати томофарида, ба дигарон руҳи зиндагӣ мебахшад...» [5, 12].

Ё ҷои дигар фармуда:

Ай басо шоир, ки баъд аз марг зод,
Чашми худ барбасту чашми мо кушод [6, 40;7, 54].

Иқбол дар «Паёми Машриқ» аз баъзе шоирони машриқзамин таассуф мехӯрад, ки аз ҷидду ҷаҳд ва мубориза и ҳаёт даст кашидаанд. Ва инчунин аз хонандагони каломи худ низ гила намуда мегӯяд, ки мехоҳам ба восиати шеър дар рӯҳияи миллат оташ бизанам ва ин мардуми хобидаро паёми бедорӣ бидиҳам, аммо рафиқони ман чунон рӯ ба афсонаҳо ва дунёи тасаввуроту хаёл рафтаанд, ки шеъри маро канор гузоштаанд [6, 144;7, 180].

Ин аст чанд андеша оид ба шеъру шоирӣ аз назари Муҳаммад Иқбол, ки дар оянда тиҳқиқи дақиқу амиқ муҳаққиқони соҳаро интизор мебошад.

**Адабиёт**


1. Абдуллоҷон Ғаффоров. Муҳаммад Иқбол/ Абдуллоҷон Ғаффоров. –Душанбе: Дониш, 1977. - 220 с.

2. Абулҳасан Алии Надвӣ. Назарот фи-л-адаб. ат-Табъа ас-сония / Абулҳасан Алии Надвӣ. - Уммон: Дорал-Бишр/. 1997-. 123 с.

3. Абулҳасан Алии Надвӣ. Равоиу Иқбол. ат-Табъа ал-уло / Абулҳасан Алии Надвӣ. - Димашқ: Дорал-Фикр. 1960. -128 с.

4. Абулҳасан Алии Надвӣ. Шигифтиҳои андешаи Иқбол // Мутарҷим Абдулқодири Деҳқон / Абулҳасан Алии Надвӣ. Чопи дувум. -Ирон: Овои Ислом, 1999. -216 с.

5. Асадуллоҳи Муҳаққиқ. Аллома Иқбол дар адаби форсӣ ва фарҳанги Афғонистон / Асадуллоҳи Муҳаққиқ. Теҳрон, 1388/2009. -351 с.

6. Иқболи Лоҳурӣ. Куллиёти Иқболи Лоҳурӣ // Бо муқаддима ва тасҳеҳи Фаридуни Исломниё. Чопи аввал, Эрон: Урумия, 1388. -524 с.

7. Муҳаммад Иқболи Лоҳурӣ. Куллиёти форсӣ // Таҳияи матн ва таҳқиқи илмии Алии Муҳаммадии Хуросонӣ ва Шарафнисо Пӯлодова. -Душанбе: Дониш, 2013. -672 с.

8. Саййид Муҳаммад Акрам. Иқбол дар роҳи Мавлавӣ / Саййид Муҳаммад Акрам. Чопи дувум. - Лоҳур: Интишороти исломӣ, 1982. -280 с.

**ДАВЛАТОВ И.**

## МУХАММАД ИКБАЛ О ПОЭЗИИ

В статье рассматриваются взгляды видного поэта, мыслителя и общественного деятеля Мухаммада Икбала на поэзию и её роль в жизни общества.

С точки зрения Мухаммада Икбала стихи должны выражать боль и чаяния людей, иметь высокий смысл. По мнению поэта, эти высокие чувства передаются художниками слова от Бога. Поэтому стихотворцы должны иметь прочную связь с Творцом, чтобы создавать незабвенные памятники художественного слова. Поэт должен ощущать пульс жизни общества и выражать самые сокровениые мысли людей.

**Ключевые слова:** Икбал, ислам, литература, поэзия, поэт, воспитание, реформы.

**DAVLATOV I.**

## POETRY FROM POINT OF VIEW OF MUHAMMAD IQBAL

The article deals with the views of the outstanding poet, thinker and social activist Muhammad Iqbal's poetry and its role in the life of human society.

From the standpoint of Muhammad Iqbal, poetry should express the pain and aspirations of the people, and must have a high sense. According to the poet, these high feelings are transmitted to the real artists from God. So poets need to have a strong relation with the Creator, to create unforgettable monuments of artistic expression. The poet must feel the pulse of society's life and to express the innermost thoughts of people.

**Key words:** Iqbal, Islam, literature, poetry, poet, upbringing, and reforms.